# ТАҚРИЗ

***ба автореферати рисолаи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг***

Барои ба зинаи нави рушд ворид намудани осорхонаҳои Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар зери сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароит ва фазои мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин замина, ба омӯзиши фаъолияти осорхонаҳои кишвар, ки аз аҳамияти илмӣ бархурдор мебошанд, таваҷҷуҳи олимону мутахассисони соҳа ба таври назаррас ҷалб карда шуд.

Дар ин самт, Осорхонаи миллии Тоҷикистон баҳри татбиқи рисолати азалии хеш ва манзури ҷомеа намудани арзишҳои таърихию фарҳангӣ, тавассути фаъолияти экспозисионӣ-намошӣ ва баргузории силсилаи чорабиниҳо дар раванди тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ ва муаррифии хотираи таърихӣ нақши назаррас дорад.

Мавзуе, ки аз ҷониби муҳаққиқ Ҷалолов Беҳрӯз мавриди омӯзиш қарор гирифтааст таҳти унвони “Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)” яке аз мавзуъҳои мубрами соҳаи осорхонашиносӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи фарҳангӣ, тарғиби арзишҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик тавассути экспозитсияи осорхонавӣ мавқеи хосаро касб менамоянд. Чунки экспозитсияи осорхонавӣ яке аз бахшҳои муҳимми осорхона ба ҳисоб рафта, дар он ашё ва коллексияи осорхонавӣ дар асоси нақшаи мавзуи - экпозитсионӣ ба намоиш гузошта мешаванд, ки аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар муқаддимаи автореферат муаллиф мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуи мазкур, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро хело хуб нишон додааст.

Рисолаи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович аз ду боб ва шаш зербоб иборат буда, дар баробари самтҳои муҳимми экспозитсияи осорхонавӣ, тарғибу ташвиқи осори таърихию фарҳангии халқи тоҷик таввассути фаъолитяти экспозитсионӣ-намоишӣ ба риштаи таҳқиқ

кашида шудааст, ки аҳамияти илмии рисолаи мазкурро баланд менамояд.

Ҳамзамон, муаллиф дар рисола роҷеъ ба созмон додани экспозитсия дар осорхона, роҳҳои асосии ташкили экспозитсияи осорхонавӣ, рангпардозии толорҳои экспозитсионӣ, танзими реҷаи ҳарорат, рутубат, рӯшноӣ ва дигар хусусиятҳои экспозитсияи осорхонавӣ тибқи меъёрҳо ва стандартҳои муайянгардидаи соҳаи осорхонашиносӣ мавриди таҳлил ва баррасии амиқи илмӣ қарор додааст.

Дар автореферати рисола ҷанбаҳои илмии таҳқиқот пурра нишон дода шудааст ва муаллифи он ба натиҷаҳои дилхоҳ низ расидааст.

Хулоса, фишурдаи рисолаи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)», ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор мебошад.

Муаллими калони кафедраи
ҷомеашиносии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон, н.и.т. Ақризоев М.М.

*Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, н. Сино, к.Мираненко б.10, ҳ. 64.*
*Тел.: (+992) 501-17-31-92*
*E-mail: akrizoev92@mail.ru*

Имзои муаллими калони кафедраи
ҷомеашиносӣ, н.и.т. М.М. Ақризоевро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷӯраев Ш.Н.

*Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5.*
*Тел.: (+992 37) 234-88-02*
*E-mail: info@iutet.tj*